# РАҶАБАЛИЕВ ШЕРАЛИ ФОЗИЛОВИЧ (1942-2022)



3 феврали соли 2022 Арбоби Шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон, д.и.т. профессор асабпизишк Раҷабалиев Шералӣ Фозилович аз олам даргузаштанд.

Шералӣ Раҷабалиев 30 марти соли 1942 дар ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ таваллуд шудаанд. Баъди хатми мактаби миёна соли 1957 ба Омузишгоҳи тиббии шаҳри Сталинобод дохил шуд. Соли 1960 омузишгоҳро бо баҳои аъло хатм намуда ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуали ибни Сино дохил шуданд. Соли 1966 донишгоҳи тиббиро ба итмом расонида, фаъолияти кори аз августи 1964 ҳамчунин бародари шавкат дар беморхонаи Қараболо оғоз ёфт. Баъдтар табиби шуъбаи касалиҳои асаби кудакона ва мудири шуъба шуда кор карданд. Соли 1970-1971 раиси иттифоқи касабаи беморхонаи Қарияи боло. Соли 1972 то 1993 ассистент ва дотсенти кафедраи бемориҳои асаби Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон. Соли 1978 дар шаҳри Ленинград рисолаи номзадиро ҳимоя кард. Аз августи соли 1993 то соли 2010 дар Донишкадаи таҳсилоти баъди дипломи кормандони тибби Тоҷикистон фаъолият намуданд ба ҳайси проректор оиди корҳои таълим ва мудири кафедраи бемориҳои асаб ва генетикаи тиббӣ. Аз соли 1991 то 2010 Сармутахассиси ғайривоҳидии ВТ ҶИА ҶТ, сардори ҷамъияти асабпизишкон. Соли 1996 дар шаҳри Санкт-Петербург рисолаи доктториро ҳимоя намуд.

Дар мавзӯи «Паҳншавии бемориҳои ирсии асабу мушакҳо дар Тоҷикистон, роҳҳои табобат ва пешгирии он». Аз соли 2000 профессор, соли 1999 бо Унвони Арбоби Шоистаи илм ва техникаи ҶТ мукофонида шудаанд. Дорандаи медал барои корҳои шуҷоъат ва медалҳои ҷашнии 10 солагӣ ва 15 солагии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон, барои гузаронидани корҳо зидди бемории полиомиелит дар ҶТ бо ифтихорномаи ТУТ мукофонида шудааст. 4-номзад ва як доктори илми тиб рисолаҳои худро дар таҳти роҳбарии Раҷабалиев Ш.Ф. ҳимоя намуданд.

Устод муаллифи 5 монография, 23 пешниҳоди методӣ ва зиёда аз 250 мақолаи илмӣ мебошад.

**Устодон, шогирдон ва кормандони маҷаллаи Нигаҳдории тандурустии Тоҷикистон ҳамдардии худро ба хешону наздикони Шералӣ Фозилович бинобар сабаби аз дунё гузаштанашон баён менамоянд.**